«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____ Қурбонзода М.Р.
«_02_» _____11_____ соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2026. – 176 с.

Мутобиқати мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат мекунад. Дар рисола муҳаққиқ масоили хеле муҳимми таърихи давлатдории аҳди бостонии аҷдоди тоҷиконро, ки омӯзиши он барои имрӯз зарурат дорад, мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мавзуи рисолаи номзадӣ фарогири яке аз масъалаҳои муҳимтарини таърихи аҳди бостони халқи тоҷик, махсусан давлатдорӣ ва тамаддуни аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо мебошад. Маҳз тавассути омӯзиши таърихи империяи Ҳахоманишиён мо дар айни замон собит намуда метавонем, ки аҷдоди тоҷикон дар таърихи башар бори аввал ба империяи мутамаддин асос гузошта, бо офаридаҳои моддию маънавии хеш дар тамаддуни башарӣ саҳми бориз гузоштаанд. Аз нуқтаи назари таърихнигорӣ мавриди таҳқиқ қарор додани таърихи империяи Ҳахоманишиён бисёр муҳим ва ба мавриd мебошад. То имрӯз таърихи ин марҳалаи аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо диққати садҳо муҳаққиқону донишмандони ватанию хориҷиро ҷалб намуда, таҳқиқоти арзишманде анҷом ёфтааст. Таҳлилу баррасии осори муҳаққиқони

ватанӣ ва хориҷӣ, ки мавзуи мазкурро инъикос менамояд, аз ҷониби диссертант бисёр хуб роҳандозӣ шудааст.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Нуктаҳо ва гузоришҳои илмии муҳаққиқ, ки дар диссертатсия пешниҳод шудааст, аҳаммияти муҳимми илмӣ дошта, хулоса ва пешниҳодҳо аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд. Ҳар як масъалаи таҳқиқшванада, яъне зербобҳо хулосаҳои мушаххас дошта, дар ниҳоят хулосаи диссертатсия аз 6 банд иборат мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ масъалаҳои мубрами таърихи империяи Ҳахоманишиён дар асоси осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва қиёси он ба сарчашмаҳои муътамад баррасӣ гардидаанд.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки маводди фароҳамомада, хулоса ва натиҷагириҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи дастурҳои таълимӣ, монографияҳо, китобҳои дарсии таърихи халқи тоҷик, тадриси курсу семинарҳои махсус оид ба таърихнигорию манбаъшиносӣ, навиштани рисолаҳои магистрӣ ва рисолаҳои хатм дар факултети таърих кӯмаки амалӣ расонида метавонад. Диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯи интишороти муаллиф ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, ҳудудҳои хронологии рисола, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии таърихнигории ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, тақозо менамоянд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарӣ ва амалӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, таърихнигории масъала, аҳаммияти назарию амалии он, ҳамчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳо аз таҳқиқот, дар маҷмуъ, саҳми шахсии муҳаққиқро нишон медиҳанд. Ҳамчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ (Осиёи Марказиву Афғонистон, Эрон, Русия ва Аврупову Амрико) дар робита ба мавзуи таҳқиқшаванда, таҳлилу тақзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант маҳсуб кард.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ инъикос шудааст. Аз ин миён 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар конфренсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия ду масъалаи мубрам аз ҷониби муҳаққиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар навбати аввал масоили назарию методологии мавзуи таҳқиқшаванда баррасӣ мешавад. Муаллиф осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, ки мавзуи мазкурро фарогир мебошад, дар доираи консепсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ баҳогузорӣ менамояд. Аз мазмуни зербоби мазкур бармеояд, ки муаллиф бештар аз муҳаққиқоне ҷонибдорӣ намудааст, ки таҳқиқоташонро дар доираи консепсияи тамаддунии таҳқиқи таърих анҷом додаанд. Махсусан, ба муҳаққиқони аврупоӣ ва эронӣ бештар бартарӣ додааст. Вале нақши муҳаққиқони русро низ дар омӯзиши таърихи империяи Ҳахоманишиён бисёр барҷаста медонад. Ҳамчунин, осори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба инъикоси ин марҳалаи давлатдории аҷдоди тоҷикон аз ҷониби муҳаққиқ баррасӣ мешавад. Масъалаи дигари баррасишавандаи боби аввал фарогири шарҳу баррасии дидгоҳи муҳаққиқон роҷеъ ба Куруши Кабир мебошад. Дар робита ба ин масъала осори муҳаққиқон бо маохизи таърихӣ мавриди қиёс қарор дода шудааст. Дар ин хусус метавон гуфт, ки бо хулосабарориҳо ва пешниҳодҳои мушаххас чеҳраи воқеии Куруши Кабир ҳамчун давлатмарди асили аҳди бостони тоҷикон аз ҷониби муаллиф рӯшану возеҳ гардидааст. Шахсият ва корномаи ӯ хеле муфассал бо истифода аз далелҳои муътамад баррасӣ мешавад.

Дар боби дуюм бошад аслан низоми идорӣ ва вижагии сиёсати хориҷии империяи Ҳахоманишиён таҳлилу баррасӣ мегардад. Роҷеъ ба масъалаҳои мазкур муаллиф осори муҳаққиқонро бисёр бо тафсил баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки Ҳахоманишиён, махсусан шоҳони он Куруши Кабир ва Дорои 1 ба низоми хоссаи давлатдорие асос гузоштанд, ки бо дарназардошти баъзе ниҳоду сохторҳояш дар таърихи башарӣ беназир ва нахустин маҳсуб меёфт. Низоми мукаммали давлатдорӣ ва татбиқи сиёсати дурандешонаи хориҷии шоҳони мазкур сабаб шуд, ки зиёда аз 200 сол империя дар ҳудуди се қитъа нуфуз дошта, парчамаш парафшон бошад, ки аз қудрату азамати ориёиҳо хабар медод.

Дар боби сеюм, масоили иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Ҳахоманишиён аз нуқтаи назари таърихнигорӣ баррасӣ мешавад. Осори аксаран муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин хусус истифода ва қиёс шудаанд, ки баъзе вижагиҳои низоми иқтисодию иҷтимоии империяро мушаххас менамоянд. Махсусан, аносири фарҳангии мардумони ориёӣ ва дигар қавмҳои тобеи империя, ки шумораашон ба 70 мерасид баррасӣ мешавад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавбгӯй буда, дар доираи меъёрҳои муқаррарагардидаи таҳқиқоти илмӣ, махсусан ҳифзи манфиатҳои таърихан миллӣ анҷом ёфтааст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Рисолаи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти таърихнигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд. Автореферати диссертатсия ва маводди интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, мақолаҳои илмии довталаб дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки бори нахуст мавзуи мазкур аз лиҳози таърихнигорӣ баррасӣ шудааст. Мавзуи баррасишаванда аз нигоҳи имрӯза ва дар доираи манфиатҳои таърихан миллӣ навишта шудааст. Ба муҳаққиқ муяссар шудааст, ки пайванди ногусастании миллати тоҷикро ба сулолаи Ҳахоманишиён бо истифода аз маохизи таърихӣ ва далелҳои муътамад нишон диҳад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Новобаста аз дастоварду муваффаиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсяиро коста намегардонанд. Ба назар гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад:

1. Дар зербоби якуми боби аввал муҳаққиқ ба консепсияи тамаддунии таҳқиқи таърих бештар бартарӣ медиҳад, ки аз нигоҳи мо қобили қабул нест. Яъне ҳамаи консепсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тарафҳои мусбӣ низ доранд, арзиши дигар консепсияҳоро низ ба назар гирифтан муҳим мебошад.

2. Муҳаққиқ бештар ба осори муҳаққиқони аврупоӣ такя менамояд, дар ҳоле ки мавзуи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ низ бисёр баррасӣ шудааст. Истифодаи васеи осори муҳаққиқони эронӣ низ ба манфиати кор мебошад.

3. Ба назари мо зарур аст, ки дар таҳқиқи ояндаи мавзуи мазкур дар радифи шоҳони машҳур, ҳамчунин замони ҳукумати шоҳони вопасини ҳахоманишӣ низ ба таври васеъ шарҳу тавзеҳ дода шавад.

4. Дар рисола баъзе хатогиҳои техникӣ аст, ки ислоҳи онҳо дар нашри монография зарур мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулосаи диссерататсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади имлҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, №591 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои таърих, Ҳиматзода Ҳасан Ҳиммат омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДБ ба номи Носири Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 3 аз 31 октябри соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои таърих, профессор: Халилзода Д.Х.

Эксперт:
номзади илмҳои таърих,
саромӯзгори кафедраи таърихи
халқи тоҷик Ҳиматзода Ҳ.Ҳ.

Котиби илмии ҷаласа: Қурбонова М.С.

Имзои Халилзода Д.Х., Ҳиматзода Ҳ.Ҳ.
ва Қурбонова М -ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

«02» 11 соли 2026

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-54-81 www.btsu.tj
E-mail: bgu-1978.@mail.ru